Суратҷаласаи
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе *№24* *аз 10 ноябри 2026*

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм (2 нафар – иштироки маҷозӣ) аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд.

ШУНИДА ШУД: Ҳимояи диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

Мавзӯи диссертатсия: "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)".

Диссертатсия дар кафедраи "соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: - Шарофзода Фарҳод Раззоқ - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич - д.и.и., профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- Абдуллоева Лола Ибодуллоевна – н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мусбӣ мебошанд.

Ба довталаб 7 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро пешниҳод гардиданд: д.и.и., проф. Обидзода Ф.С., д.и.и., проф. Раҳматзода Р., д.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М., д.и.и., дотсент Садриддинов М.И. ва д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

Дар муҳокима иштирок намуданд: д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Б.Н., д.и.и., проф. Раҳматзода Р., д.и.и., дотсент Сафозода А.К. ва д.и.и., проф. Иброҳимзода И.Р.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд: д.и.и., проф. Обидзода Ф.С. (раис), д.и.и., проф. Ҷурабоев Ғ., д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Одилзода Исмоил Одил дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Одилзода Исмоил Одилро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар (2 нафар – маҷозӣ). Зид – нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласаи шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Факеров Ҳ.Н.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Исмоилов А.А.**